«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С. ________________
«30» ____01____ 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Набизода Азиза Абдунабӣ дар мавзуи **«Таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси **6.2.14. – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ** дар кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Набизода Азиза соли 2010 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси “лингвист-тарҷумон” хатм кардааст. Соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯй ба кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида (фармоиш №108-05 аз 07.04.2017), соли 2018 ба кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи ДМТ интиқол шудааст (фармоиши №193-05 аз 02.05.2018) ва соли 2023 (фармоиши №510-05 аз 19.12.2023) онро хатм намудааст. Аз соли 2010 то соли 2013 ба ҳайси тарҷумони Маркази тарҷумаи адабиёт ва истилоҳоти соҳавӣ ва корманди маҷаллаи «Ворисони Сино»-и ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино, аз соли 2013 то соли 2016 ба ҳайси омузгори Мактаби байналмилалии Президентӣ ва аз соли 2016 то ин ҷониб дар Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар вазифаҳои гуногун (ассистенти кафедраи забонҳо, муовини декани факултетҳои тиббӣ ва педиатрӣ, ходими хурди шуъбаи илм ва инноватсия) фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 20.01.2018, №3 тасдиқ шуда, 30.09.2022, №1 дар ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи ДМТ ба он тағйирот ворид гардидааст.

Роҳбари илмии Набизода Азиза Абдунабӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори МДТ «Мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат» дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон **Каримзода Шухрат Бозор** мебошад.

Диссертант Набизода Азиза Абдунабӣ имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм бо баҳои «хуб» (18-уми октябри соли 2018), забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои «аъло» (25-уми майи соли 2017) ва аз рӯйи ихтисос – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, бо баҳои «хуб» (27-уми майи соли 2022) супоридааст ва дар ин бора Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ӯ 24-уми октябри соли 2025 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия таҳқиқи муқоисавии корбурди истилоҳоти бахши гистологияи илми тибро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ фаро мегирад. Масъалаи таҳия, корбурд ва ҳамгунсозии истилоҳоти илмӣ дар забон яке аз мавзуъҳои муҳимми илми забоншиносӣ маҳсуб мегардад. Дар замоне, ки навгониҳои фанниву технологияҳои муосир ҳамарӯза дар ҳоли рушд аст, иқтибос гирифтан ва ё сохтани истилоҳот ва корбурди он дар ин ё он забон ҳамеша мавриди баҳс қарор мегирад. Корбурди истилоҳоти илми тиб низ, дар маҷмуъ, андешаҳои гуногун ба бор овардааст. Истилоҳоти соҳаи гистология ба сифати як бахши луғати махсуси илми тиб дар забонҳои гуногун роиҷ аст ва бахши муҳимме аз он дар забонҳои зиёд корбурди ҳамсон дорад. Дар баробари ин, тафовут дар корбурди истилоҳоти соҳаи мазкур дар забонҳо низ вуҷуд дорад, ки аз вижагиҳои ин ё он забон дарак медиҳад. Аммо бояд гуфт, ки дар шароити ҳамкориҳои илмии байналмилалӣ истифодаи дурусти истилоҳот дар ин ё он соҳаи илм муҳим арзёбӣ мегардад. Гоҳе мавҷудияти тафовутҳои сохторӣ ва маъноӣ байни истилоҳоти илмӣ дар забонҳо, аз ҷумла, дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавонад омили ғалат дарк гардидани мафҳум гардад.

Аз ин нигоҳ, метавон гуфт, ки омузиши вижагиҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти бахши гистологияи илми тиб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ амри зарурист. Ин гуна пажӯҳиш имкон медиҳад, ки умумият ва тафовут дар корбурди истилоҳот дар забонҳои мавриди таҳқиқ муайян гардад.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ нишон дода шудаанд, мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқ робитаи ногусастанӣ доранд.

**Мақсади таҳқиқ.** Вазифаҳои асосии таҳқиқ аз баррасии масъалаҳои зерин иборат аст:

-дар заминаи осори илмии соҳа мушаххас намудани мафҳум ва вижагиҳои истилоҳ, роҳу равишҳои пайдоиш ва такомули истилоҳи илмӣ;

- баррасии вижагиҳои истилоҳоти бахши гистология ва муайян кардани ҷанбаҳои фарққунандаи онҳо;

- муайян ва баррасӣ кардани мавқеи категорияҳои маъноӣ, ба монанди сермаъноӣ, муродифот, зидмаъноӣ, омонимия дар заминаи истилоҳоти бахши гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

- баррасии истилоҳоти бахши гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи сохтору таркиб ва муайян кардани умумияту тафовути ин гурӯҳ дар забонҳои муқоисашаванд;

- муайян кардан ва баррасии роҳу усулҳои шаклгирии ихтисораҳо (аббревиатура)-и ифодакунандаи истилоҳоти бахши гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

Ба сифати сарчашмаи таҳқиқ фарҳангномаҳои дузабонаи англисӣ – тоҷикӣ, ҳамчунин, фарҳангномаҳои соҳавии тоҷикӣ ва англисӣ интихоб гардидаанд. Дар баробари ин, ҳамчун маводди таҳқиқ намунаҳо аз аз

нашрияҳои соҳавӣ, монографияҳо, дастуру воситаҳои таълими марбут ба соҳаи тиб истифода гардидаанд. Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқро пажӯҳишҳои донишмандони хориҷӣ ва тоҷик, ба монанди, В.Д. Даниленко, А.В. Суперанский, А.А. Реформатский, В.В. Виноградов, А.М. Кузнетсова, М.Д. Степанова, Н.С. Новикова, С. Сулаймонов, С. Сатторова, П. Ҷамшедов, Д. Хоҷаев, М. Қосимова, Ҳ. Султон, Ҳ.Маҷидов, С. Назарзода, Ҳ. Саидов, Ш. Исматуллозода ва дигарон ташкил додааст. Мавод ва хулосаҳои диссертатсияро ҳангоми таълифи асарҳои илмӣ метавон истифода кард. Ҳамчунин, маводди диссертатсия дар тадриси фанҳои истилоҳшиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ дар факултетҳои филологӣ, тадриси фанни бофташиносӣ дар муассисаҳои тиббӣ, ҳамчунин, дар таҳқиқи масоили марбут ба истилоҳшиносиву муқоисаи забонҳо ёрӣ расонида метавонад

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Диссертатсияи мазкур дар забоншиносии тоҷик аввалин пажӯҳиши илмии марбут ба муқоисаи истилоҳоти бахши гистологияи соҳаи тиб ба шумор меравад. Таҳқиқ дар заминаи маводди забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сурат гирифтааст ва дар он истилоҳот дар забонҳои муқоисашаванда аз нигоҳи сохт ва маъно баррасӣ ва муқоиса шудааст. Ҳамчунин, дар диссертатсия раванди ташаккул ва рушди истилоҳот, мавқеъ, корбурд ва вижагиҳои истилоҳоти гистология дар забонҳои муқоисашаванда нишон дода шудааст. Диссертант кӯшиш намудааст, ки вижагиҳои корбурди истилоҳоти гистологияро дар ду забон нишон диҳад ва умумияту тафовутро дар корбурди ин гурӯҳи вожагон мушаххас кунад.

**Арзиши назариявӣ ва амалии** диссертатсияи номзадии Набиева Азиза дар он зоҳир мегардад, ки хулосаву натиҷаҳои аз таҳқиқ бадастомада масоили назариявӣ, методҳои таҳқиқ ва ҷанбаҳои омӯзиши истилоҳотро мукаммалтар менамояд, дар муайян кардани умумияту тафовути таркиби луғавии забонҳо мусоидат мекунад ва имконоти услуби илмиро дар забонҳои муқоисашаванда муаррифӣ менамояд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои пажӯҳишро метавон дар амалияи омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин, дар таҳияи фарҳангномаҳои дузабона истифода кард.

Нуктаҳои муҳим ва натиҷаҳои таҳқиқ якчанд маротиба дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмии кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, аз натиҷаҳои таҳқиқ дар ҳамоишҳои илмию назариявии ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тибби муосир ва таҳсилоти муосир» (Душанбе, 2021), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тибби муосир ва таҳсилоти муосир» (Душанбе, 2024) маърӯзаҳо пешниҳод гардида, мақолаҳои илмӣ ба нашр расонида шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Дар диссертатсия бори нахуст дар забоншиносии тоҷик истилоҳоти бахши гистологияи соҳаи тиб пажӯҳиш ва дар заминаи маводди забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди муқоиса қарор гирифта, хусусиятҳои умумиву фарқкунандаи онҳо дар ду забон нишон дода шудааст. Саҳми шахсии пажӯҳишгар, ҳамчунин, дар ҷамъоварии маводди таҳқиқ, тасниф ва коркарду

баррасии он, тасвиби натиҷаҳо, омода кардани маърӯзаҳои илмӣ ва нашри мақолаҳои илмӣ роҷеъ ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Пажӯҳиши илмии мазкур заҳмати чандсолаи диссертант маҳсуб гардида, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

**Нашри таълифоти илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия.** Марбут ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2, 25 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мақолаҳои нашршуда ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд. Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоннашр шудаанд:**

[1-М]. Набиева, А.А. Хусусиятҳои ташаккули истилоҳоти тиббӣ дар забони англисӣ [Матн] / А.А. Набиева // Маҷаллаи илмии тиббии “Симурғ”. – Данғара, 2020. – №7 (3). – С. 141-145.

[2-М]. Набиева, А.А. Ҷанбаҳои этимологии истилоҳоти тиббӣ дар забони англисӣ [Матн] / А.А. Набиева // Маҷаллаи илмии тиббии “Симурғ”. – Данғара, 2022. – №13 (1). – С. 165-170.

[3-М]. Набиева, А.А. Омонимияи истилоҳоти гистология [Матн] / А.А. Набиева // Маҷаллаи илмии тиббии “Симурғ”. – Данғара, 2025. – №25 (1). – С. 192-198.

[4-М]. Набиева, А.А. Хусусиятҳои истилоҳоти гистология дар забоншиносии муқоисавӣ [Матн] / А.А. Набиева // Маҷаллаи илмии тиббии “Симурғ”. – Данғара, 2025. – №28 (4). – С. 258-264.

**II. Мақолаҳо ва интишорот муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигар:**

[5-М]. Набиева, А.А. Юсуфов, А.И. Баъзе хусусиятҳои услубии “Ҳидояту-л-муталлимин фӣ-т-тиб-и Ахвайнии Бухорой [Матн] / А.А. Набиева, А.И. Юсуфов // Маҷаллаи илмии тиббии “Симурғ”. – Данғара, 2020. – №5 (1). – С. 128-133.

[6-М]. Набиева, А.А. Полисемия ва синонимия дар истилоҳоти гистология [Матн] / А.А. Набиева // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Ташаккул ва рушди забоншиносии муосири рус дар шароити ҷаҳонишавӣ: дастовард, мушкилот ва дурнамо”. – Душанбе, 2024. – С. 21-28.

[7-М]. Набиева, А.А., Ғарибмамадов, М.М. Воситаҳои семантикии бунёди истилоҳоти тиббӣ дар забони англисӣ [Матн] / А.А. Набиева // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Тибби муосир ва таҳсилоти муосир”. – Данғара, 2021. – С. 428-429.

[8-М]. Набиева, А.А., Ғарибмамадов М.М. Воситаҳои семантикии бунёди истилоҳоти тиббӣ дар забони англисӣ // Маводди конференсияи

ҷумҳуриявии илмӣ-амалии МДТ ДДТХ «Тибби муосир ва таҳсилоти муосир» (2021). – С. 428-429.

[9-М]. Набиева А.А., Одинаев С.П., Ғарибмамадов М.М. Хусусиятҳои истилоҳот ва низоми истилоҳотӣ дар забоншиносии муосир // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии МДТ ДДТХ «Тибби муосир ва таҳсилоти муосир» (2021). – С. 428-429.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Набизода Азиза Абдунабӣ дар мавзуи «Таҳлили сохториву маъноии гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Набизода Азиза Абдунабӣ дар мавзуи «Таҳлили сохториву маъноии гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 27.01.2026, №7 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 13 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Қарори № 7 аз 27.01.2026.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи таърихи забон ва типология, номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Камолзода Хуршед Маҳмадисоқ

Котиби илмӣ, ассистент — Муминова Кимиё Маҳмадқуловна

Имзоҳои Камолзода Хуршед Маҳмадисоқ ва Муминова Кимиё Маҳмадқуловнаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj